السنّة النبوية وعلومها
www.sunnah.global

# Ҳар кӣ ба Худо ва рӯзи қиёмат бовар дорад, пас бояд сухани нек гӯяд ё хомӯш бимонад

Аз Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбар (Салому даруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: «Ҳар кӣ ба Худо ва рӯзи қиёмат бовар дорад, пас бояд сухани нек гӯяд ё хомӯш бимонад; ва ҳар кӣ ба Худо ва рӯзи қиёмат бовар дорад, пас бояд ҳамсояаашро гиромӣ дорад, ва ҳар кӣ ба Худо ва рӯзи қиёмат бовар дорад, пас бояд меҳмонашро икром намояд».

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) баён фармуданд, ки ҳар касе ба Аллоҳ ва рӯзи қиёмат имон дорад, ки бозгашташ ба он ҷост ва бар асоси амалҳояш подош дода мешавад, имонаш ӯро ба анҷоми аъмоли зер водор месозад: Аввал: Сухани нек, аз ҷумла тасбеҳу таҳлил ва амри ба маъруф ва наҳйи аз мункар ва ислоҳкорӣ байни мардум. Пас агар ҳар кӣ ин амалҳоро анҷом намедиҳад сукутро интихоб кунад ва аз озори мардум бипарҳезад ва забонашро нигоҳ дорад. Дуввум: Эҳтироми ҳамсоя, бо некӣ кардан ва зарар нарасонидан ба ӯ. Севум: Иззат ва эҳтироми меҳмоне, ки ба дидори ту меояд, яъне пазирои аз ӯ бо сухани нек ва гузоштани дастархон ва ончи муяссар барои туст.

https://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/5437

النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee